*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)*

# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Нодирхонов Гулназар Гулбозхонович дар мавзуи «Ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон ва таъмини амнияти он дар шароити таҳаввулоти глобалии ҷаҳони муосир (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.11 - фалсафаи иҷтимоӣ**

Диссертатсияи Нодирхонов Гулназар Гулбозхонович дар мавзуи «Ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон ва таъмини амнияти он дар шароити таҳаввулоти глобалии ҷаҳони муосир (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ)» ба мавзуи мубрами ҷаҳони муосир бахшида шудааст. Зеро, дар шароити имрӯза инсоният дучори тағйиротҳои оламшумули шадид мебошад. Ҳамарӯза дар фазои иттилоотии ҷаҳон дигаргуниҳои хусусияти байналмилалӣ дошта, ба вуҷуд меоянд. Ташкилу бунёди ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шарти зарурӣ ва аввалиндараҷаи рушди устувор ва ҳамқадами замон шудан бо ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад. Дар ҷомеаи муосир ҷонибдорони падидаҳои муттаҳидшавӣ- ҳамгироӣ вобаста ба афзоиши вобастагии иқтисодӣ дар сатҳи иҷтимоӣ-фарҳангӣ тадриҷан зиёд мегарданд.

Муаллиф дар пажӯҳиши худ таъкид намудааст, ки ҳоло дар ҷаҳон раванди ғасбкунии фарҳангҳои халқияту миллатҳои дигар аз ҷониби фарҳанги ғарбӣ бо ҳама гуна воситаҳо ба амал омада истодааст. Аз ин лиҳоз, зарурати ҳимояи захираҳои миллии иттилоотӣ ва таъмини амнияти мубодилаи иттилоот дар шабакаҳои иҷтимоӣ хеле зарур аст, чунки дар заминаи он метавонанд, зиддиятҳо ва низоъҳои байнидавлатӣ ба вуҷуд оянд. Чунин зиддиятҳо ба ҷомеаи тоҷикистонӣ низ хатари зиёди фарҳангӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ доранд.

Муаллиф аҳамияти мавзуи мавриди таҳқиқи худро асоснок намуда, менависад: «Хусусияти хоси рушди системаи амнияти иттилоотии Тоҷикистон бо он асос меёбад, ки он дар ҳоли таҳаввулот аст. Як қатор қонуну санадҳои меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон то андозае меъёрҳои асосии сиёсати давлатии иттилоотро мустаҳкам намуданд. Вале ин

муҳиммияти таҳқиқоти иҷтимоӣ-фалсафии амнияти иттилоотиро кам намекунад, зеро таъмини амнияти иттилоотӣ, воридшавӣ ба ҷомеаи иттилоотии ҷаҳонӣ ва раванду таҳаввулоти ҳамешагӣ ва пайдарҳамии иттилоотӣ таҳлилу баррасии илмии ҳамарӯза ва хастанопазирро тақозо менамояд» (саҳ. 5).

Андешаи муаллифро ҷонибдорӣ намуда, гуфтан мумкин аст, ки иттилоот ба мафҳуми калидии манзараи муосири илмии олам мубаддал гаштааст ва бе фаҳмиши моҳияти асоси он тасаввуроти мо нисбати воқеият ботил ва ғалат менамояд. Аз ин рӯ, омӯзиш ва таҳлили иҷтиомӣ- фалсафии равишҳои ҷомеаи иттилоотӣ дар шаклҳои гуногуни зуҳуроташ дар ҳамаи соҳаҳои ҷомеа хеле мубрам аст.

Дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқотӣ низ мувофиқ ба меъёрҳои муқарраргардида ва методологияи илмӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Муаллиф тавонистааст, ки бо истифода аз усули диалектикӣ, таърихӣ-мантиқӣ, герменевтикӣ ва муқоисавӣ онро баррасӣ намояд. Ҷудо намудани сарчашмаҳо ва осори муҳаққиқон вобаста ба муҳиммияташон барои дақиқ сохтани таъсири байниҳамдигарии омилҳои инсонӣ ва ҷомеаи иттилоотӣ дар доираи таҳавулоти глобалии ҷаҳони муосир ҷолиби диққат мебошад.

Ҳамоҳангӣ ва мувофиқати комили объект, предмет, мақсаду вазифаҳо бо навгониҳо ва ҷанбаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи кори илмӣ дар диссертатсия эҳсос мегардад. Маҳорати диссертант дар ҳамоҳангсозӣ ва мантиқан пайваст намудани масъалаҳои мазкур қобили қабул мебошад. Ин амали муаллифи диссертатсия боис гардидааст, ки масъалаи мавриди таҳқиқ ба таври системавӣ омӯзиш, таҳлил ва баррасӣ гардад.

Асосҳои методологии диссертатсияро истифода аз усулҳои таҳлили умумиилмӣ, ба монанди таҳлили муқоисавӣ-таърихӣ, умумимантиқӣ ва муқоисавӣ ташкил менамояд. Муаллиф бо истифода аз усулҳои зикршуда тавонистааст, ки равиши дурусти таҳқиқро роҳандозӣ ва хулосаҳои мантиқӣ ба даст биорад. Шаш навгонии илмие, ки муаллифи диссертатсия пешниҳод кардааст, аз мазмуни кори илмӣ сарчашма гирифта, моҳияти диссертатсияро ифода менамоянд. Навгониҳои пешниҳодшуда бо ҷанбаъҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда тавъам буда, аз лиҳози илмӣ асоснок карда шудаанд.

Асосҳои назариявӣ, пойгоҳи эмпирикӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот хеле хуб нишон дода шудааст. Таҳлили диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф дар раванди таҳқиқот иштироки бевосита дошта, дар

таҳияи он саҳми назаррас гузоштааст. Мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшаванда КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақолаву баромадҳои диссертант дар конференсияҳои сатҳи гуногун, ки мазмуни кори диссертатсиониро инъикос менамоянд, гувоҳ аз саҳми шахсии муаллиф дар раванди таҳқиқот мебошанд.

Диссертатсияи тақризшаванда аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда таркиб ёфтааст, ки аз ҷиҳати мазмун ва сохтор мантиқан пайваст мебошанд. Дар муқаддима мубрамияти таҳқиқот, мақсаду вазифаҳои пешбинишуда, фарзияи илмӣ, нуқтаҳои барои дифоъ пешниҳодшуда, навгониҳо, таҳия ва баррасӣ гардида аҳаммияти назариявию амалии кор, истифодаи амалии натиҷаҳо дар ҳаллу фасл ва равшану возеҳ намудани моҳияти ҷомеаи иттилоотӣ, инчунин муайянсозии аҳаммият ва арзиши таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди ташаккул ва рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити глобалии замони муосир асоснок карда шудааст.

Боби якум **«Асосҳои назариявию методологии таҳқиқоти масоили ҷомеаи иттилоотӣ ва таъмини амнияти он дар илмҳои ҷомеашиносӣ»** ба се зербоб ҷудо карда шуда, нахуст **«Ҷомеаи иттилоотӣ: мафҳум, моҳият ва инфрасохтори он»** мавриди таҳқиқи муаллиф қарор гирифтааст. Муаллиф дар асоси таҳлили таърифҳои мавҷуда бо такя ба осори таҳқиқотӣ ва усулҳои муқоисавӣ-таърихӣ пайдоиш, ташаккул ва мавқеи ҷомеаи иттилоотиро нишон додааст. Аз ҷумла, хулоса менамояд, ки «ҷомеаи иттилоотӣ қобилияти ташаккулёфтаи иттилоотӣ, талабот ва манфиати одамон, дониши онҳо ва малакаи кор бо иттилоот бо ёрии технологияи иттилоотии робитаи телевизионӣ ва техникӣ дар тамоми сатҳи иттилоот ва раванди фаъолияти инсон, яъне дараҷаи кор ва зиндагӣ карда тавонистан дар шароити фазои муосири иттилоотӣ мебошад. Истифодабарии дурусти технологияи иттилоотӣ дониши амиқ ва маҳорати касро талаб мекунад» (саҳ. 39).

Дар параграфи дуюм муаллиф **«Масъалаи амнияти иттилоотӣ дар ҷомеаи иттилоотии муосир»**-ро мавриди таҳлил қарор дода, қайд менамояд, ки амнияти иттилоотӣ падидаи беназири ҷомеаи муосир мебошад, ки ташаккули он барои инсоният аҳамияти глобалӣ дошта, таърифи объективию амалии он зарурати ҳаётист. Душвории равшан намудани масъалаи бехатарии иттилоотӣ то замони ҳозира бо набудани маънидодкунии умумиқабулшуда алоқамандӣ дорад, ки соҳаи предмети мазкурро ба таври бояду шояд шарҳу тавзеҳи даркорӣ ва фарогир надодааст. Дар қатори истилоҳи «амнияти иттилоотӣ» инчунин истилоҳи

«иттилооти бехатар» низ ба таври фаъол истифода мешаванд. Ин истилоҳҳо, бешубҳа, ба ҳам монандӣ доранд, муродиф ё синоним ҳастанд ва ба якдигар алоқаи зич доранд (саҳ. 51).

Дар зербоби сеюм «**Ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ ҳамчун омили муҳимми таъмини амнияти миллӣ дар шароити таҳаввулоти глобалии ҷаҳони муосир**» ба таври муфассал баррасӣ гардида, дар он зикр шудааст, ки дар раванди баррасии масоили мубрами фалсафии ташаккул ва рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар системаи амнияти иттилоотии он ба амнияти иттилоотӣ ва мавқеи он дар таъмини амнияти миллӣ диққати махсус додан муҳим аст. «Таҳлили чунин принсипҳои ҷомеаи иттилоотӣ, ба монанди махфият ва амният ҳангоми истифодаи технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ нишон медиҳад, ки онҳо дар таъмини амнияти миллӣ аҳамияти махсус дошта, амнияти иттилооту шабакаҳо, эҳтироми ғайрирасмӣ ва ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, рушди амнияти байналмилалии иттилоот, истифодаи имконпазири технологияи иттилоотӣ-коммуникативиро бо мақсадҳои ғаразнок таъмин менамоянд» (саҳ. 66).

Боби дуюми рисола - «**Хусусиятҳои ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистони муосир**», ки аз се зербоб иборат аст, ҳамчун предмети таҳқиқот қарор гирифтааст. Дар зербоби якуми ин боб - «**Рушди технологияҳои иттилоотӣ дар Тоҷикистон ва таъсири он ба раванди ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ**» зикр гардидааст, ки технологияи иттилоотӣ дар шароити муосир ба сифати барандаи асосии дигаргуниҳои ҷомеаи пасосаноатӣ ва иттилоотӣ баромад мекунад ва масоили таъмини амнияти он яке аз шартҳои муҳими рушди ҷомеаи муосири Тоҷикистон ба шумор меравад. Таҳлили бахши мазкур нишон медиҳад, ки масъалаи рушди технологияи иттилоотӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ва таъсири он ба раванди ташаккули ҷомеаи иттилоотию шаҳрвандӣ бевосита ба таъмини амнияти иттилоотӣ алоқаманд буда, пеш аз ҳама, баланд бардоштани нақши он дар таъмини суботи ҷомеаи муосири тоҷикистониро тақозо дорад. Аз ин лиҳоз, технологияи иттилоотии муосир имкон медиҳад, ки бо тарзҳои гуногун сифати гирифтани маълумот беҳтар гардонида шуда, ҷомеаи мо ва сокинони он ба муҳити иҳоташуда зудтар мутобиқ гарданд (саҳ. 107). Дастрасӣ ба технологияи рақамӣ сатҳи рушди ҷомеаи иттилоотӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро дар мамлакати мо муайян намуда, моро водор мекунад, ки аз дараҷаи прогресси кишварҳои пешқадам қафо намонем.

Дар параграфи дуюми боби мазкур «**Амнияти иттилоотӣ ва нақши он дар таъмини суботи ҷомеаи муосири Тоҷикистон**» таҳлил гардида, муаллиф ибрози менамояд, ки дар Тоҷикистони муосир системаи иҷтимоӣ хусусияти хос дошта, он бо таърих, забон, эътиқод, иқлим, ҳувият, анъана, нишондодҳои

микдорӣ ва сифатӣ, вазъи геополитикӣ ва ғ. асоснок шудааст. Инчунин, пӯшида нест, ки мавқеи ҷуғрофии Тоҷикистон ва аҳаммияти геополитикию геостратегӣ доштани он ба эҷодкунандагони хатар ва таҳмилкунандагони таҳдид имконияти васеъ фароҳам меоранд. Имкони дигар барои сар задани чунин хатарҳо, мавқеи Тоҷикистон дар ҳавзаи ягонаи фазои геоконфессионалӣ дониста мешавад (саҳ. 118).

Мавриди ба зикр аст, ки яке аз роҳҳои таъсири равонӣ ба ҷомеаи имрӯза, бахусус ҷомеаи Тоҷикистон, ки аксаран мусулмонанд, ин амри маъруф ва маъвизаҳои зиёди динӣ бо воситаи видеороликҳои иттилоотӣ ва сомонаҳои гуногуни иҷтимоӣ мебошанд. Амри маъруфи таҳрифшуда маъмултарин силоҳи фиребдиҳии омма аз ҷониби ин гурӯҳҳо мебошад. Аз ин лиҳоз, бояд дар ҷумҳурӣ Маркази миллии иттилоотии мубориза бо терроризм ва экстремизм таъсис дода шавад, ки дар ҳар як ноҳия бо пайваст будан ба маркази ягона бар зидди падидаҳои зикршуда мубориза барад (саҳ. 129).

Дар доираи зербоби сеюми боби дуюми диссертатсия **«Усулҳо ва намудҳои муассири муқовимат ба хатарҳои таҳдидкунанда ба амнияти иттилоотии Тоҷикистон дар шароити ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ»** таҳлилу баррасӣ гардида дар он таъкид шудааст, ки фаъолият дар ин самт ҳимояи манфиатҳои халқ ва кишварро дар соҳаҳои иҷтимоӣ, сохтори таъминоти ҳаёт, тарзи зиндагии одамонро, ки ба талаботи пешрафти ҷомеаи иттилоотии муосир ҷавобгӯянд, дар бар мегирад. Аз ин рӯ, муаллиф бо мақсади беҳтар намудани раванди амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодҳои мушаххасро манзур сохтааст.

Хулосаҳои пешниҳоднамуда ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои бадастомада низ, аз муҳтавои диссертатсия маншаъ гирифта, комилан хусусияти илмӣ доранд. Рӯйхати адабиётҳои истифодашуда тибқи меъёрҳои муайяншуда тартиб дода шуда, вобаста ба мавзуи мавриди таҳқиқ мебошанд. Автореферат ва корҳои нашршудаи муаллиф муҳтавои асосии рисоларо инъикос менамоянд.

Ёдрас шудан ба маврид аст, ки бо вуҷуди дар сатҳи зарурӣ таҳия гардидани диссертатсияи Нодирхонов Г.Г. ва арзиши илмию амалӣ доштан, дар нисбати он якчанд эродҳо низ баён карда мешавад:

1. Дар сатҳи омӯзиши мавзуъ як гурӯҳ адабиёт ба масъалаи баррасишаванда алоқамандӣ надоранд.
2. Диссертантд дар таҳқиқи параграфи 1-ум аксар аз муаллифони хориҷӣ истифода менамояд, аммо муҳаққиқони ватанӣ бо чӣ сабаб бошад, ки аз назар дур монданд.

3. Дар зербоби 1-уми боби дуюм бештари иқтибосҳо аз илмҳои сиёсӣ истифода шудаанд.
4. Дар кори диссертатсионӣ мафҳумҳое дида мешаванд, ки мазмун ва моҳияти онҳо ба таври зарурӣ омӯхта нашудаанд. (нопуррагии этикӣ, тамаддуни иттилоотӣ (саҳ. 35), аслиҳаи иттилоотӣ (саҳ. 52), инсони виртуалӣ (саҳ. 77), таҳдиди иттилоотӣ (саҳ. 132)

Эродҳои баёнгардида хусусяти бунёдӣ надошта, арзиши илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Диссертатсия таҳқиқоти илмии мустақилона анҷомёфта буда, навгониҳои илмӣ ва амалиро дар худ таҷассум менамояд.

Хулоса, диссертатсияи Нодирхонов Г.Г. дар мавзуи «Ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон ва таъмини амнияти он дар шароити таҳаввулоти глобалии ҷаҳони муосир (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ)» аз рӯйи натиҷаҳои илмӣ ва амалии бадастоварда ҷавобгӯи талаботи бандҳои 31 ва 33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мебошад. Инчунин, ба самти ихтисоси 09.00.11- фалсафаи иҷтимоӣ пурра мувофиқат менамояд. Бо дар назардошти муваффақиятҳои баёншуда, пешниҳод менамоям, ки ба муаллифи диссертатсия Нодирхонов Гулназар Гулбозхонович дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ дода шавад.

**Муқарризи расмӣ:**

Номзади илмҳои фалсафа, дотсенти
кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Давлатов Р.Л.

Имзои н.и.ф., дотсент Р.Л. Давлатовро тасдиқ
мекунам:
сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода А.